## 13999 - Зуд ифтор намудан суннат аст

**савол**

Ман савол дорам: Оё ифтор фарз аст, ё на?

Ҳангоме, ки мусулмон дар вақти намози шом ба масҷид меояд, дар вақти ифтор, бояд аввал ифтор бикунад ва сипас ба намоз ҳамроҳ бишавад ва ё аввал намоз бихонад ва сипас ифтор бикунад?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Суннат ин аст, ки инсон зуд ифтор намояд. Ҳадисҳо ба ин чиз далолат мекунанд.

Аз Саҳл ибни Саъд ривоят шудааст, ки расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст: «**Мардум дар хайру хубӣ ҳастанд, то замоне ки дар ифтор кардан шитоб бикунанд (яъне дар аввали вақт ифтор бикунанд)».** Ривояти Бухорӣ (1821) ва Муслим (1838).

Шоиста аст, ки ба ифтор бо хурдани луқмаҳои кӯчаке, ки гуруснагиашро бо он бартараф мекунад, шитоб намояд, сипас ба сӯи намоз бармехезад ва пас аз он агар бихоҳад, боз ба сӯи хӯрок бармегардад, то ниёзи худро аз он бароварда созад.

Ин кирдори паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) буд. Аз Анас ибни Молик ривоят шудааст, ки мегӯяд: Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) пеш аз он ки намози шомро бихонад, бо чанд рутаб (хурмои тару тоза) ифтор мекард ва агар рутаб набошад, бо чанд тамр (хурмои хушк) ва агар тамр ҳам набошад, бо ҷуръаи об ифтор менамуд. Ривояти Тирмизӣ (Рӯза / 632). Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳу Абидовуд" (рақами 560) саҳеҳ донистааст.

Муборакфурӣ дар шарҳи ин ҳадис гуфтааст:

Ин ҳадис ба мустаҳаб будани шитофтан ба ифтор бо муболиғаи комил далолат мекунад.